# ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
6-уми марти соли 2026, тахти №111

Бораи сазовор донистани Зарифзода Шоҳрух Иззатулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, дар таърихи 30-юми декабри соли 2025 суратмаҷлиси №106 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Зарифзода Шоҳрух Иззатулло 5-уми октябри соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2015 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2019 Донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси ҳуқуқшиноси байналмилалӣ хатм кардааст. Инчунин, соли 2019 ба зинаи таҳсилоти магистратура ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил щуда, онро низ соли 2021 бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Номбурда аз соли 2021 то соли 2024 дар вазифаи мудири бахши кишварҳои Аврупо ва Амрикои Маркази барномаҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2024 то ин ҷониб дар вазифаи сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе фаъолият намуда истодааст.

Мавсуф бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 8-уми ноябри соли 2021, №453-05 ба ҳайси унвонҷуи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 22-юми сентябри соли 2025, №68 ба унвонҷӯ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шуда, дар ҷаласаи кафедраи мазкур 21-уми октябри соли 2025, (суратмаҷлиси №3) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шарофзода Рустам Шароф – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломаносов дар шаҳри Душанбе;

**Мансурзода Амиршоҳ Мансур** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва тахсилоти баъд аз муассисаи олии таълимии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби муқарриз Холинова М.М. – мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ихтисос: 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Расулов Ф.М. ва котиби ҷаласа – мутахассис-коргузори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шуда, аз тарафи Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д.Ҷ. санаи 12-уми феврали соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии

диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон дода, асоснокӣ ва мубарамияти онҳо тасдиқи худро ёфтаанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷу аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[**1-М**]. Зарифзода, Ш.И. Хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.И. Зарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №9. – С. 272-275 (0,4 ҷ.ч.); ISSN 2313-5151.

[**2-М**]. Зарифзода, Ш.И. Хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.И. Зарифзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №2 (34). – С. 109-117 (0,5 ҷ.ч.); ISSN 2414-9217.

[**3-М**]. Шарофзода, Р.Ш., Зарифзода, Ш.И. Мафҳум, хусусиятҳо ва эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.Ш. Шарофзода, Ш.И. Зарифзода // Осори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №4 (64). – С. 91-100 (0,5 ҷ.ч.); ISSN 978-99947-738-0-0.

[**4-М**]. Зарифзода, Ш.И. Хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.И. Зарифзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – №3(47). – С. 20-27 (0,4 ҷ.ч.); ISSN 2307-5198.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[**5-М**]. Зарифзода, Ш.И. Нақши фармонҳо ва ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ [Матн] / Ш.И. Зарифзода // Нақши Пешвои миллат дар густариши маърифати ҳуқуқии ҷомеа: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2024. – С. 197-210 (0,5 ҷ.ч.).

[**6-М**]. Зарифзода, Ш.И. Ташаббусҳои қонунгузории Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ [Матн] / Ш.И. Зарифзода // Маводи

конфронси умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2024. – С. 51-55 (0,5 ч. ч.).

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

– Қодирзода Тоҳир Қамар – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Ҳаитов Сайдали Поргиевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

– Саидзода Изатулло Ҳабибулло – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аз ҷумла оид ба функсияи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таносуби категорияҳои «фаъолияти қонунэҷодкунӣ» ва «фаъолияти конунгузорӣ», танзими ҳуқуқии фаврии муносибатҳои ҷамъиятӣ пешниҳод шудаанд. Дар робита бо ин масъала муаллифро зарур аст, ки нуктаи назари худро баён намояд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти мукаррароти бандҳои 61-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқи диссертатсионии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** доираи бо мавзуи диссертатсия

алоқамандбудаи масъалаҳои назариявӣ дар шакли мафҳумҳо ва категорияҳои илмии назариявӣ, ки шакли ифодаи падидаҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ, аз ҷумла таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, аз лиҳози илмӣ коркард ва пешниҳод шуданд, ба мисли «санадҳои ҳуқуқии Президент», «фармони меъёрии Президент», «фармони ғайримеъёрии Президент», «нуфузи ҳуқуқии санадҳои Президент», «ҳокимияти президентӣ», «салоҳияти маҷмуии Президент» ва дигар;

– **муайян карда шуд:** қонуниятҳои умумӣ, самтҳо ва дурнамои ташаккул ва рушди таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқии миллӣ, дар доираи таҳлили илмии методологӣ ва эмпирикии раванди амалишавии ҳокимияти президентӣ, таҳлили муқоисавии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунии президентӣ бо фаъолияти мақомоти дигари давлатӣ муайян карда шуданд;

– **пешниҳод шудааст:** нуктаҳои илмӣ доир ба аломатҳо ва хусусиятҳои фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат, мустақилияти ҳокимияти президентӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият, таносуби эътибори ҳуқуқӣ ва нуфузи ҳуқуқии фармонҳои сарвари давлат, вазъи махсуси сиёсӣ ва ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, тартиби махсуси таҳия ва интишори санадҳои сарвари давлат, ҳамчунин, ақидаҳо ва хулосаҳо доир ба зарурати таҷдиди назар намудани усулҳои таҳлили санадҳои сарвари давлат пешниҳод шудаанд;

– **исбот шудааст:** асоси илмӣ доштани ақидаҳо, хулосаҳо ва мафҳумҳои нави илмии пешниҳоднамудани муаллифи диссертатсия, аз ҷумла оид ба таносуби салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таносуби эътибори ҳуқуқӣ ва нуфузи ҳуқуқии санадҳои сарвари давлат, таносуби шакл ва мазмуни санадҳои сарвари давлат, шаклҳои нави амалӣ намудани салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, шартӣ будани таснифҳои дар илми ҳуқуқии шуравӣ пешниҳодшудаи санадҳои ҳуқуқӣ, зарурати такмили методологияи илмӣ-ҳуқуқии таҳқиқи санадҳои сарвари давлат бо истифода аз маводи илмӣ ва эмпирикӣ, мушоҳидаҳои шахсӣ ва таҳлили муқоисавии илмӣ бо натиҷаҳои дигари дар илми ҳуқуқшиносӣ пазируфташуда исбот карда шудаанд;

– **ҷорӣ намудани:** мафҳумҳо ва категорияҳои нави методологӣ, ки бо ҷанбаҳои гуногни мавзуи диссертатсия алоқамананд, ба мисли «салоҳияти маҷмуии сарвари давлат», «шакл ва мазмуни санадҳои сарвари давлат», «шаклҳои амалисозии салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат» ва дигар, ҳамчунин, усулҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ, таҳлили контентӣ, таҳлили

иттилоотӣ дар таҳқиқоти умуминазариявии ҳуқуқӣ ҷорӣ шуданд;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ ба таҳқиқоти минбаъдаи илмии санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, доираи масъалаҳои мубрами назариявӣ, ки бо фаъолияти меъёрбарории сарвари давлат алоқаманданд, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, таносуби ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, таснифи санадҳои ҳуқуқӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводи меъёрӣ, эътибори ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии президентӣ дар кишварҳои ҷаҳон, таносуби ҳокимияти президентӣ бо таҷзияи ҳокимият, такмили назария ва амалияи таҷзияи ҳокимият, такмили методологияи дарки илмии падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, такмили сиёсати ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат мусоидат менамоянд;

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:** эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо ақидаҳо ва хулосаҳои дар назарияи давлат ва ҳуқуқ пазируфташуда, дар муқоиса бо натиҷаҳои дигари таҳқиқоти илмӣ, бо дарназардошти сатҳи навгонии илмии ақидаҳо, мафҳумҳо ва категорияҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда, таклифҳо бобати такмили методологияи таҳлили санадҳои сарвари давлат, истифодаи усуси таҳлили маҷмуии меъёрӣ, ҳамчунин, бо сатҳ ва сифати маводи эмпирикии дар диссертатсия истифодашуда, аз ҷумла муқаррароти дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон ва як қатор давлатҳои ҳамсоя тасдиқ мегардад;

**Баён шудани** мафҳумҳои «фармони меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «фармони ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «салоҳияти маҷмуии ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «шаклҳои амалисозии салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Пешвои миллат», «нуфузи сиёсӣ-ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии Пешвои миллат», «салоҳияти қонунэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «санадҳои маҷмуии ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «эътибори махсуси ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, ба таҳқиқи минбаъдаи илмии маҷмуи масъалаҳои мубрами илмӣ. ки бо вазъи ҳуқуқӣ ва фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон робита доранд, ҳамчунин, такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» оид ба

салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд;

– **мушаххас гардидани** аломатҳои умумӣ ва хусусиятҳои фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла талаботи умумие, ки мутобиқи қонунгузорӣ ба ҳама гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад, ҳамчунин, усулҳо ва хусусиятҳои таснифи санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои фармонҳои меъёрӣ, фармонҳои ғайримеъёрӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои вазъи ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, хусусиятҳои санадҳои маҷмуии ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии сарвари давлат, хусусиятҳои тартиби таҳияи лоиҳаҳои санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои интишори санадҳои сарвари давлат, хусусиятҳои эътибори ҳуқуқии санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳлили контентии санадҳои сарвари давлат, таҳлили миқдорӣ ва сифатии санадҳои сарвари давлат, таҳқиқи мушаххаси таърихии санадҳои сарвари давлат, таҳқиқи мушаххаси сотсиологии санадҳои сарвари давлат мусоидат менамояд;

– **омӯхта шуданд:** дар доираи таҳқиқи мушаххаси таърихӣ-ҳуқуқӣ давраҳои ташаккул ва рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар доираи таҳлили контентии меъёрӣ шакл ва мазмуни санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи таҳқиқи аналитикӣ-ҳуқуқӣ хусусиятҳои ифодаи таркибӣ ва шаклии санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ифодаи меъёрҳо-супоришҳо дар санадҳои сарвари давлат, дар доираи таҳқиқи мушаххаси сотсиологӣ-ҳуқуқӣ нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими қонуният ва рушди қонунгузорӣ, дар рушди ҳаёти ҷомеа омӯхта шуданд;

– **аз нав такмил додани** сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии сарвари давлат, мукаммал намудани салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо дарназардошти мақоми баланди сиёсӣ ва ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, такмили қонунгузории Тоҷикистон, аз ҷумла меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба вазъи ҳуқуқӣ ва салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини сифати фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи самараноки онҳо мусоидат менамояд;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ ба такмили ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунии

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тағйир ёфтани вазъи сиёсию ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, такмили таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот бо шаклҳои нави амалӣ намудани салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, такмили қонунгузорӣ бо дарназардошти фарқи мазмуни меъёрии санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, такмили меъёрҳои дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ дар робита бо хусусиятҳои дар диссертатсия ошкоршудаи салоҳияти маҷмуии ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодат менамоянд;

– **муайян карда шуданд,** ки қонунгузории Тоҷикистон, аз ҷумла меъёрҳои дахлдори санадҳои қонунгузорӣ бо дарназардошти тағйири вазъи ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, хусусиятҳои ифодаи меъёрии супоришҳои умумиҳатмӣ дар санадҳои сарвари давлат, ифодаи якҷояи муқаррароти меъёрӣ ва фардӣ дар санадҳои сарвари давлат, салоҳияти номаҳдуд, аз ҷумла салоҳияти якумраи ҳуқуқэҷодкунии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, шаклҳои нави амалӣ намудани салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бояд такмил дода шавад;

– **офарида шуд, ки:** ба м. 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри алоҳида оид ба эътибори умумиҳатмӣ доштани муроҷиат, суханронӣ, маслиҳату пешниҳоди Пешвои миллат илова карда шавад, ҳамчунин, меъёрҳои дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бо меъёрҳои нав оид ба супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон илова карда шаванд, ҳамчунин, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул карда шавад;

– **муаррифӣ карда шуд, ки:** таҷрибаи қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тағйири вазъи ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, хусусятҳои мазмуни меъёрии санадҳои сарвари давлат, иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи давраҳои фаъолияти қонунэҷодкунӣ, алалхусус, иштироки ҳалкунандаи сарвари давлат дар давраи имзо ва интишори қонунҳо, салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими ҳуқуқии фаврии муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла танзими муносибатҳо пеш аз қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, салоҳияти сарвари давлат дар соҳаи танзими муносибатҳои ҷамъиятии ҳам дохилидавлатӣ ва ҳам байналмилалӣ, аз ҷумла танзими доираи дахлдори масъалаҳои сиёсати хориҷӣ такмили муасирро тақозо дорад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар

таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба натиҷаҳои илмии пазируфташуда, методологияи таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ, натиҷаҳои таҳлили таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии президентӣ дар давлатҳои ҳамсоя, натиҷаҳои таҳлили контентии микдорӣ ва сифатии санадҳои сарвари давлат, маълумоти воқеӣ ва оморӣ оид ба саҳми фамонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими қонуният, сулҳу суботи ҷомеа, такмили қонунгузорӣ, рушди ҳаёти ҷомеа асос меёбанд;

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ ба такмили таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла танзими ҳуқуқии фаврии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҷрибаи танзими маҷмуии меъёрӣ ва идоракунӣ, таҷрибаи танзими ҳуқуқӣ тавассути супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ташаккулёфтаистодаи танзими муносибатҳои рақамӣ мусоидат менамоянд;

– **ғоя асоснок шудааст:** фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон нуфузи баланди сиёсӣ-ҳуқуқӣ дошта, дар ташаккул, инкишофи муътадил ва такмили мунтазами низоми қонунгузории Тоҷикистон, рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дар солҳои соҳибистиқлолӣ нақши калидӣ доранд;

– **муайян шудаанд:** фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо хусусиятҳои худ фарқ доранд, доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дар доираи салоҳияти номаҳдуди Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон танзим менамоянд, доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро дар раванди ислоҳоти идоракунии давлатӣ, ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ислоҳоти низоми сиёсӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, пешгирии оқибатҳои офатҳои табиӣ ба таври фаврӣ танзим мекунанд, ҳамчунин, фармонҳои сарвари давлат ҳамчун Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар ҳимояи музаффариятҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон, тақвият додани иқтидори мудофиавӣ ва мудофиаи мамлакат нақши ҳалкунанда доранд;

– **истифода карда шуданд:** натиҷаҳои таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои таҳлили меъёрии миқдорӣ ва сифатии ҳамаи санадҳои сарвари давлат, санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ, ки вазъи ҳуқуқӣ ва салоҳияти сарвари давлатро танзим мекунанд, натиҷаҳои таҳлили ҳаматарафа ва ҷамъбасти таҷрибаи амалӣ гардидани фармонҳо ва дигар санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва таклифҳои амалӣ, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашриёҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин, маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ собит мегардад. Дар ҷараёни таҳқиқи диссертатсионӣ ақидаҳои нави илмии муаллиф дар робита бо хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, салоҳияти маҷмуии ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии сарвари давлат, ҳамчунин, хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии ӯ дар таносуб бо ҳамаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, функсияҳои ба ин санадҳо таааллуқдоштаи ташкилӣ-ҳуқуқӣ, танзимкунӣ, идоракунӣ, фарҳангӣ-иҷтимоӣ пешниҳод мешаванд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 6-уми марти соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Аз 14 нафар аъзои Шуро 13 нафар ба таври ҳузурӣ ва 1 нафар ба таври маҷозӣ иштирок Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

6-уми марти соли 2026